# КДФ «Оби нушокӣ ва канализатсияи н. Рудакӣ»
# ҚАРОР № 1

«30» ноября 2015с. н. Рӯдакӣ

**Дар бораи таъсис додани Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ дар назди КДФ «Оби нушокӣ ва канализатсияи н. Рудакӣ»**

Бо мақсади таъмини ҳуқуқу манфиатҳои муштариён ва иштироки онҳо дар чараёни қабули қарорҳои таъминкунандаи оби нӯшокӣ ва мустаҳкам гардонидани боварии аҳолӣ ва тарафҳои манфиатдор, ҷалби муштариён, намояндагони ҷамъияти маҳаллӣ дар фаъолияти ҳаётӣ ва кори ташкилоти обтаъминкунанда оид ба масъалаҳои намояндагии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо зарур аст. Яке аз усулҳои босамари баланд бардоштани иштироки ҷамъият дар фаъолияти ҳаётӣ ва кори ташкилоти обтаъминкунанда - ин таъсис додани Шӯрой ҷамъиятӣ мебошад.

Бинобар мақсадҳо ва гуфтаҳои боло, ва мактуби КВД ХМК аз 09.11.215 таҳти №1151/11 КДФ «Оби нушокӣ ва канализатсияи н. Рудакӣ»:

**Қ а р о р м е к у н а м:**

1. Дар назди КДФ «Оби нушокӣ ва канализатсияи н. Рудакӣ» Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ таъсис дода шавад;
2. Низомномаи Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ тасдиқ карда шавад (Замимаи №1);
3. Ҳайати аъзоёни Шӯрои машваратӣ тибқи рӯйхати ба қарор замимашуда, тасдиқ карда шавад (Замимаи №2);
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Асозода Ф. вогузошта шавад.

Роҳбари КДФ
«Оби нушокӣ ва канализатсияи н. Рудакӣ» Алаёров С.

Бо Қарори Роҳбари
КДФ «Оби нушокӣ ва канализатсияи н. Рудакӣ»
аз «30» ноябр 2014с. тасдиқ карда шудааст.

# НИЗОМНОМАИ
## Шӯрои машваратии ҷамъиятии
## назди КДФ «Оби нушокӣ ва канализатсияи н. Рудакӣ»

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Шӯрои ҷамъиятӣ (минбаъд Шӯро) мақомоти машваративу мушоҳидавӣ мебошад, ки бо мақсади ҷалби муштариён, намояндагони ҷомеъаи маҳаллӣ ба иштироки фаъолона дар фаъолияти ташкилоте, ки хизматрасонии интиқоли оби нӯшокиро мерасонад, дар ҷодаи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муштариён ва тарафҳои манфиатдор дар назди маъмурияти КДФ «Оби нушокӣ ва канализатсияи н. Рудакӣ» таъсис дода шудааст.
2. Шӯро дар асоси иштироки ихтиёрии шаҳрвандон (муштариён) ва намояндагони таъминкунандаи оби нӯшокии ноҳияи Рӯдакӣ таъсис дода шудааст.
3. Шӯро мақомоти доимамалкунандаи ҷамъиятӣ мебошад, ки фаъолияти хешро бо ташаббуси ҷамъиятӣ амалӣ менамояд.
4. Фаъолияти Шӯродар асоси ташкил ва гузаронидани ҷаласаҳо оид ба масъалаҳои банақшагирифташуда, муҳокима ва қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои соҳа, амалӣ мегардад.
5. Қарорҳои Шӯро характери тавсиявӣ доранд.
6. Шӯро фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикитсон ва дигар санадаҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Низомномаи мазкур амалӣ менамояд.

### 2. Вазифа ва функсияҳои асосии Шӯро

7. Вазифаҳои Шӯрои машваративу-маслиҳатӣ инҳо мебошанд:
- ташкили механизми намояндагӣ ва пешбарии манфиатҳои муштариён, ҷомеъаи маҳаллӣ дар назди таъминкунандаи оби нӯшокӣ;
- ташаккули системаи ошкорсозӣ ва татбиқи ташаббуси ҷомеъаи маҳаллӣ дар ҳалли муаммоҳои таъмини оби нӯшокӣ;
- пешиҳод ва мулоҳиза намудани ташаббусҳои ҷамъиятии бо фаъолияти таъминкунандаи оби нӯшокӣ алоқаманд, ки ба инкишофи соҳа равона карда шудаанд.
- амалигардонии мониторинги ҷамъиятӣ оид ба муассирии иҷроиши қарорҳои қабулкардаи таъминкунанда;
- ёрмандӣ ба ташкили системаи санадҳои меъёрии дохилӣ, қоидаҳо, сиёсат ва тартибот дар соҳаи таъмини оби нӯшокӣ;
- ташаккули механизми муассири намояндагии манфиатҳои муштариён ва ҷамъияти маҳаллӣ дар мақомотҳои идоракунии таъминкунанда;
- таъмини ҳамкории муассири намояндагони ҷамъияти маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ бо намояндагони таъминкунанда;
- таъмини шароити муттаҳидсозии тарафҳои манфиатдор ва иштироки онҳо дар соҳаи таъмини оби нӯшокӣ ва дигар масъалаҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо дахл дорад;
- таъмини шароит оид ба ошкор кардани намояндагони фаъоли иҷтимоии тарафҳои манфиатдор, пешсафони потенсиалӣ ё пешсафони ташаккулёфта ва таъмини минбаъдаи устворгардӣ ва пешравии онҳо.

8. Функсияҳои асосии Шӯро:
- Намояндагии манфиатҳои истеъмолкунандагон дар назди таъминкунанда;
- Иштирок дар фаъолияти меъёрэҷодкунӣ дар сатҳи таъминкунандаи оби нӯшокӣ;
- Иштирок дар назорат аз болои иҷроиши санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи таъминоти оби нӯшокӣ ва оид ба дигар санадҳое, ки бо манфиатҳои истеъмолкунандагон алоқамандапд;
- Мусоидат дар гузаронидани чорабиниҳои муҳими иҷтимоӣ;
- Фаъолияти маърифативу машваратӣ;
- Амалигардонии мониторинг ва баҳогузории сифати хизматрасонии пешниҳодшаванда;
- Омӯзиш ва ҷамъбасти нуқтаи назари ҷомеа оид ба масъалаҳои муҳими фаъолияти таъминкунанда;

- Амалигардонии дигар функсияҳое, ки барои иҷрои вазифаҳои дар Низомномаи мазкур дарҷгашта, заруранд.

## 3. ҲУҚУҚҲОИ ШӮРО

9 Барои амалигардонии фаъолияти худ Шӯро ҳуқуқ дорад:

1) Даъват намудани ҷаласаҳои кории муваққатӣ ва доимӣ;
2) Ташкил ва гузаронидани конфронс ва нишастҳо ва дигар чорабиниҳо бо ҷалби намояндагони мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ;
3) Аз роҳбарияти таъминкунандаи оби нӯшокӣ дастрас намудани лоиаҳои санадҳои меъёриву ҳуқуқие, ки оид ба онҳо гузаронидани машварати ҷамъиятӣ зарур аст;
4) Пешниҳоди вориднамоии тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур;
5) Дар ҳолати ради беасоси тавсияҳо хабардор намудани ҷомеъа ва зинаҳои болоӣ;
6) Барои таъминнамудани фаъолияти муассири Шӯро маблағи доноронро ҷалб намояд;
7) Аъзоёни Шӯро ҳуқуқ доранд, ки бо розигии сардори ташкилоти таъминкунанда дар маҷлисҳои навбатӣ ва дигар ҷаласаҳои таъминкунандаи оби нӯшокӣ иштирок намоянд;
8) Ба таъминкунандаи оби нӯшокӣ дар амалигардонии алоқаи муттақобила бо ҷамъият мусоидат намояд.

## 4.Тартиби ташаккулёбии Шӯро

10. Ба ҳайати Шӯро раисони маҳаллаҳо, сардорони биноҳои истиқоматӣ, фаъолони ҷомеа, намояндагони халқӣ ва намояндагони таъминкунандаи оби нӯшокӣ дохил шуда метавонанд.
11. Ҳайати миқдории Шӯро муттаносибан ба миқдори маҳаллаҳое (кӯча, кварталҳо), ки дар зери хизматрасонии таъминкунандаи оби нӯшокӣ қарор доранд, муқаррар карда мешавад. Миқдори аъзоёни Шӯро на бояд аз 9 нафар кам бошад. Ҳайати миқдории аъзоён бояд тоқ бошад.

12. Миқдори намояндагони таъминкунанда дар Шӯрое, ки дар назди он таъсис дода шуда аст, на бояд аз 3 нафар зиёд бошад.

13. Аъзои Шӯро метавонад аз азъзогӣ бо тариқи пешниҳоди ариза ба Раиси Шӯро хориҷ шавад.

14. Асосҳои пеш аз мӯҳлат хориҷ намудани аъзои Шӯро:

1) Бе сабабҳои узрнок зиёда аз ду маротиба ба ҷаласаҳои Шӯро ҳозир нашудан;
2) Надоштани имконияти иштирок дар кори Шӯро бо сабаби вазъи саломатӣ;
3) Бо тариқи судӣ ғайри қобили амал эътироф намудани аъзо.

15. Шӯро дар ҳайати Раис, котиб ва аъзоён таъсис дода мешавад.

16. Раис ва котиб дар ҷаласаи Шӯро бо роҳи овоздиҳӣ интихоб карда мешаванд.

17. Идоракунии кори Шӯро аз ҷониби Раиси Шӯро амалӣ карда мешавад.

18. Ваколатҳои Раиси Шӯро:
1) Роҳбарии ҷаласаҳои Шӯро;
2) Тасдиқ кардани нақшаи кори Шӯро ва ҳайати гурӯҳҳои корӣ;
3) Гузоштани имзо дар суратмаҷлисҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои Шӯро;
4) Амалигардонии фаъолият оид ба иҷрои Қарорҳои Шӯро;
5) Намондагии Шӯро дар мақомотҳои давлатӣ ва ғайри давлатӣ, аз ҷумла корхонаву ташкилотҳои хориҷӣ;

19) Ваколатҳои котиби Шӯро:
1) Назорат аз болои тайёр намудани кори ҷаласаҳои Шӯро ва назорат аз болои мӯҳлати иҷроиши Қарорҳои қабулшуда;
2) Таъмин намудани дастгирии ташкилӣ, ахборотӣ ва робитавии фаъолияти Шӯро;
3) Ташкил ва пешбурди коргузории Шӯро ва тартиб додани суратмаҷлисҳо;
4) Дигар фаъолияте, ки аз ҷониби Шӯро ва Раиси он ба зимааш вогузор карда мешавад.

## 5. Ташкили фаъолияти Шӯро

20. Шакли асосии кори Шӯро ҷаласаҳо мебошад. Ҷаласаи Шӯро ҳангоми дар он на камтар аз панҷоҳ фоизи аъзоёни он ширкат варзидан гузаронидашуда, ба ҳисоб меравад.

Даврияти гузаронидани ҷаласаҳои Шӯро аз тарафи аъзоёни он тибқи нақшаи тасдиқгардидаи фаъолияти Шӯро муқаррар карда мешавад.

Аъзои Шӯро ҳуқуқ дорад бо пешниҳоди баррасии масъала дар ҷаласаи Шӯро пешниҳод намояд.

21. Шӯро тибқи нақшаҳои фаъолияти солона, ки аз тарафи Шӯро ва Раиси Шӯро тасдиқ, инчунин бо таъминкунандаи оби нӯшокӣ мувофиқашуда фаъолияти хешро ба роҳ мемонад.
22. Аъзоёни Шӯро дар ҷаласаҳои он бе ҳуқуқи каси дигарро ба ҷои худ фиристодан иштирок менамоянд. Ҳангоми ғайриимкон будани иштирок дар ҷаласа, аъзои Шӯро ҳуқуқ дорад андешаи худро оид ба масъалаи баррасишаванда дар шакли хаттӣ фиристонад. Андешаи қайдшуда бояд дар ҷаласаи Шӯро барои баррасӣ гирифта шуда, ҳангоми овоздиҳӣ ба назар гирифта мешавад.
23. Дар ҳолати пеш омадани зарурият бо қарори Раиси Шӯро намояндагони мақомоти қонунгузор ва мақомоти иҷроия, дигар мақомотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, васоити ахбори оммаро даъват намояд.
24. Ҷаласаҳои Шӯро ба таври кушод гузаронида мешавад ва дар он шаҳрвандон, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ВАО метавонанд ширкат варзанд.
25. Дар ҷаласаҳои Шӯро ҳар як аъзои он дорои як овоз мебошад. Қарори Шӯро ҳангоми овоз додани аксарияти иштирокчиён қабул гардида, бо суратмаҷлиси ҷаласа, ки онро Раис ва котиб имзо мегузоранд, ба расмият дароварда мешавад.
26. Шӯро фаъолияти хешро дар ҳамкорӣ бо ҷомеъа ба роҳ монда, пешниҳодот ва масъалаҳое, ки бевосита фаъолияти ташкилоти обтаъминкунанда вобастагӣ дорад, қабул ва баррасӣ менамояд.
27. Қарорҳои Шӯро хусусияти тавсиявӣ дошта, ҳангоми норозӣ будани ташкилоти обтаъминкунанда, охирон норозигии хешро бояд ба таври хаттӣ асоснок намояд.
28. Натиҷаи фаъолияти Шӯро доимо ба ҷомеъа тавассути намояндагони онҳо, ки аъзои Шӯро мебошанд расонида мешавад.

6. **Муносибати мутақобилаи ташкилоти обтаъминкунанда бо Шӯро**

29. Роҳбари ташкилоти обтаъминкунанда яке аз муовинони худро, ҳамчун намояндаи ташкилоти обтаъминкунанда дар Шӯро муайян менамояд, ки намояндагии доимии ташкилоти обтаъминкунандаро дар муносибат бо Шӯро ба роҳ мемонад.
30. Иштироки намояндаи ташкилоти обтаъминкунанда дар ҷаласаҳои Шӯро ҳатмӣ буда, ӯ соҳиби як овоз мебошад.
31. Роҳбари ташкилоти обтаъминкунанда ҳуқуқ дорад ба рӯзномаи ҷаласаҳои Шӯро масъалаҳои мувофиқро барои баррасӣ дохил намояд.
32. Қарорҳои Роҳбари ташкилоти таъмини оби нӯшокӣ, ки бевосита ба баланбардории нархнома, муайянсозии реҷаи интиқоли оби нӯшокӣ ва дигар масъалаҳое, ки бевосита ба ҳолати молиявию-иҷтимоии истеъмолкунандагон таъсир мерасонад, бе розигии маҷлиси умумии Шӯро қабул гардида намешавад.
33. Рӯзномаи ҷаласаи Шӯро на кам аз се рӯз пеш ба Роҳбари ташкилоти обтаъминкунанда фиристода мешавад.
34. Ташкилоти таъмини оби нӯшоки тибқи дархостҳои Шӯро, ба Шӯро маълумотҳо барои амалигардонии ваколатҳояш, ба ғайр аз маълумоте, ки сирри тиҷоратӣ ё дигар намуди сире, ки бо қонунгузорӣ ҳифз шудааст, пешниҳод намояд.

7. **Муқаррароти хотимавӣ**

35. Фаъолияти Шӯро бо қарори Роҳбари ташкилоти таъмини оби нӯшокӣ, ва ё тибқи қарори маҷлиси умумии аъзоёни Шӯро барҳам дода мешавад

Замимаи №2 ба Карори Директори
КФД "Обтаъминкунии нохияи Рудаки"
тахти №_1_ аз 20 ноябри 2015с.
тасдик шудааст ____________

# РУЙХАТИ
## аъзоёни Шурои машварати чамъиятии назди КФД "Обтаъминкунии нохияи Рудаки"

1. Аллаёров Султонмурод
   Директори КФД "Обтаъминкунии нохияи Рудаки" - **Раиси Шуро**
2. Саидов Ахмадхон –
   Вакили чам. Сомониён,
   мах. Чавонон, Зебунисо, Бахористон - **Муовини Раиси Шуро**
   Тел: 917 23 33 68;
3. Асомиддинов Фазлиддин –
   Сардори Шуъбаи об ва канализатсияи
   КФД "Обтаъминкунии нохияи Рудаки" - **Котиби Шуро**
   Тел: 98 866 00 36;

**Аъзоён:**

4. Саркорова Нормал – муов. Раиси Шурои мах. Гагарин ва Чавонон
5. Тел: 93 949 50 16;
6. Беков Мирзомурод –Раиси Шурои мах. 5-ум, Кухдамони ш. Сомониён.
   Тел: 918 63 19 08;
7. Рахимова Садбарг – Раиси Шурои мах. Чавонон, Гагарин ва Ч. Икроми.
   Тел: 919 17 39 56;
8. Ярова Дилхо – Раиси Шурои мах. Балхи, Маърифати, Борбад, Бехруз.
   Тел: 917 73 97 49;
9. Satторов Абдухалил – Раиси Шурои ветеранхо, мах. Х.Шерози, А.Курбон, Синои ш.Сомониён.
   Тел: 8 3137 2 25 32;
10. Собиров Абдуназар – Раиси Шурои мах. Чоми, Фирдавси, Навбунёд, Сомониён.
    Тел: 98 555 13 95;
11. Сафарова Мохру – Вакили чамоати ш. Навобод, куч. Саховат.
    Тел: 901 66 08 73;
12. Холов Чамшед – Раиси Шурои мах. Кушониён, шахраки Навобод.
    Тел: 93 833 93 91;
13. Хочаев Аъзам – Раиси Шурои мах. Бустон, шахр.Сомониён.
    Тел. 918 50 45 34.